*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №118-119 (4858-4859) | ҶУМЪА, 4 ОКТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# «ДИПЛОМАТИЯИ ВАРЗИШӢ» - ПЛАТФОРМАИ МУҲИМИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ КИШВАРҲОИ ҶАҲОН

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Нишасти сеюми Муколамаи ҳамкории Осиё зери унвони «Дипломатияи варзишӣ»**

**3 октябри соли 2024, Қатар**

**Волоҳазрат, муҳтарам Раиси иҷлосия,**

**Олиҷанобон, муҳтарам сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо,**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Қабл аз ҳама, мехоҳам ба Волоҳазрат Амир, Ҳукумат ва мардуми Давлати Қатар барои пазироии гарм ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати баргузории Нишасти сеюми Муколамаи ҳамкории Осиё арзи сипос намоям.

Ташаббуси баргузории ин нишаст таҳти унвони «Дипломатияи варзишӣ», бо дарназардошти аҳамияти он ҳамчун платформаи муҳими муошират ва ҳамкорӣ байни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, қобили қадрдонист.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари рушду тавсеаи робитаҳои мустақими судманд бо кишварҳои минтақа дар тамоми самтҳои ҳамкорӣ, ки дар чаҳорчӯби Муколамаи ҳамкории Осиё муайян шудаанд, ҳавасманд мебошад. Дар ин замина кишвари мо аз ҷумла, ба масоили рушди варзиш, ташаккули заминаҳои инфрасохтории он, тарғиби ҳаёти солим ва тарбияи насли ҷавон дар ин руҳия таваҷҷуҳи пайваста зоҳир менамояд.

Боиси зикр аст, ки моҳи майи соли равон бо иттифоқи оро қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар робита ба «Рӯзи ҷаҳонии футбол» қабул гардид. Бар асоси ин санад, ки дар заминаи пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Подшоҳии Баҳрайн ва Давлати Либия қабул карда шуд, 25 май ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии футбол» эълон гардида, ҳамасола дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил хоҳад шуд.

Мо бар ин боварем, ки кишварҳои минтақаи Осиёро, бо назардошти таъриху тамаддуни куҳан ва анъанаҳои бойи худ, мебояд, то ба эҳёи намудҳои гуногуни варзиши миллиашон, ҳифзи онҳо барои наслҳои оянда ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи инсонпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва дӯстӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Тоҷикистон маҳз ба мақсади пайгирии ин ҳадаф моҳи гузашта дар шаҳри Душанбе аввалин Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ, як намуди варзиши миллии мардуми тоҷикро баргузор намуд, ки дар он варзишгарон аз 60 кишвари ҷаҳон ширкат варзиданд. Ҳамзамон, мехоҳам ёдовар шавам, ки имрӯзҳо дар пойтахти Тоҷикистон Мусобиқоти ҷаҳонӣ оид ба дзюдо миёни ҷавонон ҷараён дорад.

Густариши иқдомот ва ибтикороти гуногунҷанбаи кишварҳои мо, бешубҳа, ба ғояи асосии Муколамаи ҳамкорӣ оид ба баланд бардоштани нуфузу эътибори Осиё дар арсаи байналмилалӣ тавассути муаррифии он ҳамчун минтақае, ки бартариятҳои худро баҳри мусоидат ба рушди глобалӣ истифода менамояд, созгор мебошад. Дар ин радиф, кишвари мо «Дипломатияи варзишӣ»-ро дар баробари дигар самтҳои ҳамкорӣ, ҳамчун василаи мусоид барои рушди устувор, таҳкими ҳамгироии минтақавӣ ва дар маҷмӯъ, заминаи муносиб барои иҷрои Дидгоҳ оид ба ҳамкорӣ дар Осиё дар давраи то соли 2030 медонад.

Аз ин рӯ, кишварҳои аъзои Муколамаи ҳамкориро зарур аст, то ба масоили баргузории пайвастаи чорабиниҳои байналмилалии варзишӣ бо ҷалби бештари ҷавонони минтақа таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ ШУРОИ ДИРЕКТОРОНИ БОНКИ ОСИЁИИ РУШД

**4-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати Шурои директорони Бонки осиёии рушдро ба ҳузур пазируфтанд. Дар мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистон бо Бонки осиёии рушд баррасӣ шуд.**

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистону Бонки осиёии рушд барои татбиқи лоиҳаҳои гуногун дар кишвари мо изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Дастгирии идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, маблағгузории рушди соҳаи энергетика ва таъмини амнияти озуқаворӣ намунаи ҳамкории судманди Тоҷикистону Бонки осиёии рушд арзёбӣ гардид.

Барои тобовар намудани иқтисодиёти кишвар ба таҳдиду хатарҳо ва ҷалби бештари сармоягузориҳои шарикони рушд ба соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар табодули андеша сурат гирифт.

Таъмини рушди устувор, хусусан ҷалби сармояи иловагӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, обёрӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, экология, инкишофи сайёҳӣ, инчунин, ташаккули иқтисоди сабз ва идомаи рақамикунонӣ, зарур дониста шуд.

Дар робита ба вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим ва шиддат гирифтани пайомадҳои онҳо барои пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири хавфҳо ва фишори омилҳои манфӣ ба иқтисоди миллӣ роҳандозии ислоҳоти муттасил зарур шуморида шуд. Ҳамчунин, оид ба дигар мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

www.prezident.tj





# НОМАИ ТАБРИКИИ

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Чжао Летсзӣ**

**Ҷаноби Олӣ,**

Сарфарозам Шуморо ба муносибати 75-солагии таъсисёбии Ҷумҳурии Мардумии Чин самимона табрик намоям. Мо аз пешрафту суботи Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки ҳамсояи наздик ва шарики боэътимоди мо дар арсаи байналмилалӣ мебошад, беандоза шодем.

Аз ҳолати имрӯзаи тавсеаи муносибатҳои шарикии стратегии ҳамаҷонибаи Тоҷикистону Чин ва ҳамкории созандаи барои ҷонибҳо судманд изҳори қаноатмандӣ менамоем.

Итминони комил дорам, ки ҳамкории байнипарламентии ду кишвари дӯст минбаъд низ густариш ёфта, ба манфиатҳои аслии мардумони мо хизмат хоҳанд кард.

Ба Шумо, муҳтарам Ҷаноби Олӣ, сиҳатмандии комил ва дар фаъолияти пурмасъули давлатиатон комёбиҳои навин, ба мардуми дӯсти Чин равнақу шукуфоии минбаъдаро орзу менамоям.

**Бо эҳтиром,**
**Рустами Эмомалӣ**

**Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО РАСМӢ ШУД

**Якуми октябри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи якуми Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 56 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи якуми Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим, муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода, раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Шерализода, муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Юсуфзода, муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Азимзода, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳуруии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода, муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Барот Расулӣ ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Тибқи талаботи банди 134-и Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо зарур аст, ки котиботи Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро интихоб намоем.

Пешниҳод аст, ки котибот иборат аз се нафар ва дар ҳайати зерин ташкил карда шавад:

***раиси котибот:***

вакил аз ҳавзаи интихоботии Ёвон, рақами 29

Азимзода Толибхон Ситаммурод.

***Аъзои котибот:***

вакил аз ҳавзаи интихоботии Исфара, рақами 20

Шамсиддинзода Мавзуна;

вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ

Икромӣ Фазлиддин Маҳмазоит.

Доир ба ҳайати пешниҳодгардида таклифи дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси ҳайати котибот ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Тибқи талаботи банди 134-и Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо зарур аст, ки комиссияи баҳисобгирии овозҳои вакилонро низ интихоб намоем.

Пешниҳод мегардад, ки ҳайати комиссияи мазкур иборат аз се нафар интихоб карда шаванд:

Ба ҳайси раиси комиссия номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Хоруғ, №41 Гиёзода Азиз Қодир.

**Ба ҳайати аъзои комиссия:**

номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Бохтар, №26 Маҷидзода Сарвиноз Комил;

вакил аз ҳавзаи интихоботии Деваштич, №24 Исмоилиён Комрон Исмоилзода пешниҳод карда мешавад.

Доир ба шумора ва ҳайати комиссия андешаи дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз монда, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси комиссияи баҳисобгирии овозҳои вакилон ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: Вакилони муҳтарам!**

Тибқи талаботи бандҳои 246 ва 247-и Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳиро дар ҷаласаҳои Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум интихоб намоем.

Пешниҳод аст, ки гурӯҳ иборат аз се нафар ва дар ҳайати зерин интихоб карда шаванд:

**роҳбари гурӯҳ:**

номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Сомонӣ, №8 Юсуфӣ Муҳаммадраҳим.

**Ба ҳайати аъзои гурӯҳ:**

вакил аз ҳавзаи интихоботии Бобоҷон Ғафуров, №14 Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ;

вакил аз ҳавзаи интихоботии Қубодиён, №31 Файзуллозода Зафар Хайрулло пешниҳод карда мешавад.

Доир ба шумора ва ҳайати гурӯҳ андешаи дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳӣ тасдиқ шуд.*

**РАИС: -** Аз вакилоне, ки ба ҳайати котибот, комиссияи баҳисобгирии овозҳо ва гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳӣ интихоб шудаанд, хоҳиш карда мешавад, ки ба иҷрои вазифаҳояшон шурӯъ намоянд.

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Зимнан, ба мо лозим аст, ки тартиби инъикоси кори ҷаласаҳои Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро аз тариқи воситаҳои ахбори омма муайян намоем. Аз рӯи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саодатшо Матробиён дода мешавад. Марҳамат.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҚАТАР



**2-юми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Нишасти сеюми Муколамаи ҳамкории Осиё ба Давлати Қатар сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазири молия ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**2-юми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ вориди шаҳри Давҳаи Давлати Қатар шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Давҳа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо эҳтирому самимияти хос Вазири давлатӣ оид ба корҳои хориҷии Давлати Қатар Султон ал-Мурайхӣ ва дигар намояндагони воломақом истиқбол гирифтанд.

**2-юми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Давҳа бо Вазири давлатӣ оид ба ҳамкории байналмилалии Давлати Қатар, муовини Раиси Фонди Қатар оид ба рушд хонум Луълуъ ал-Хотир мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ масоили таҳкими ҳамкории Тоҷикистон бо муассисаи бонуфузи мададрасон баррасӣ гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Давлати Қатарро яке аз шарикони муҳими тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистон номида, бо итминон изҳор доштанд, ки ҳамкории кишвари мо ва Фонди Қатар оид ба рушд ба таври назаррас густариш хоҳад ёфт.

Ҷонибҳо оид ба сармоягузории Қатар ба соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои афзалиятноки иқтисоди Тоҷикистон табодули андеша намуданд.

Ҷалби сармояи қатарӣ ба лоиҳаҳои истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок, таъсиси корхонаҳои истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тоза ва оби мусаффои ошомиданӣ ба Қатар аз мавзуъҳои суҳбат буд. Аз иштироки сармоягузорони қатарӣ дар татбиқи лоиҳаҳои таҳкиму тавсеаи зерсохтори сайёҳӣ ва саноати дорусозӣ дар Тоҷикистон истиқбол карда шуд.

Таъкид гардид, ки таъсиси «Фонди муштараки иқтисодӣ ва сармоягузорӣ» бо мақсади маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки Тоҷикистон ба манфиати кор хоҳад буд. Тарафҳо, ҳамчунин, оид ба дигар самтҳои ҳамкорииояндадор гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

**2-юми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Давҳаи Давлати Қатар бо муассиси Бонки байналмилалии исломии Қатар Шайх Алӣ ибни Абдулло Оли Сонӣ мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди ҳамкории Тоҷикистон бо ин ниҳоди бонуфузи молиявии Қатар баррасӣ гардид.

Ба ҷалби сармояи қатарӣ ба иқтисоди Тоҷикистон, аз ҷумла барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои барои ҳар ду ҷониб судовар, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Шайх Алӣ ибни Абдулло Оли Сонӣ, ки чанд дафъа ба Тоҷикистон ташриф оварда ва ба кишвари мо муҳаббати зиёд доштааст, омодагии худро ба сармоягузорӣ дар бахшҳои ояндадор иброз дошт. Аз ҷумла, роҳандозии ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорат, сайёҳӣ ва ҳифзи муҳити зист ҷолибу судбахш номида шуд.

**2-юми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Давҳаи Давлати Қатар бо Шайх Холид ибни Ҳамад Оли Сонӣ мулоқот намуданд.**

Зимни вохӯрӣ масоили ҳамкорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ баррасӣ шуд.

Таъкид гардид, ки имкону захираҳои фаровони ҳамкорӣ, ки миёни Тоҷикистону Қатар дар бахшҳои мухталиф мавҷуд аст, бояд ба нафъи мардумони ҳар ду кишвар васеъ истифода шавад.



**3-юми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Давҳаи Давлати Қатар дар Нишасти сеюми Муколамаи ҳамкории Осиё зери унвони «Дипломатияи варзишӣ» иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба Ҳукумати Давлати Қатар барои пазироии гарм ва фароҳам овардани шароити мусоиди баргузории Нишасти сеюми Муколамаи ҳамкории Осиё изҳори сипос карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишасти мазкурро заминаи муҳими муошират ва ҳамкорӣ байни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон арзёбӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкорӣ дар тамоми самтҳо, ки дар чаҳорчӯби Муколамаи ҳамкории Осиё муайян шудааст, аз ҷумла масоили рушди варзиш, ташаккули зербинои он, тарғиби ҳаёти солим ва тарбияи дурусти насли ҷавон, ҳавасманд мебошад.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ аз пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба «Рӯзи ҷаҳонии футбол», ки аз рӯи он қатъномаи дахлдори Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид, ёдовар шуданд.

Аз кишварҳои Осиё даъват намуданд, ки бо назардошти таъриху тамаддуни куҳан ва анъанаҳои ғании миллии худ ба эҳёи намудҳои гуногуни варзиши миллӣ, ҳифзи онҳо барои наслҳои оянда ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи инсонпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва дӯстӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор кардани аввалин Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ ва Мусобиқаи ҷаҳонӣ оид ба дзюдо миёни ҷавонон ва наврасонро тадбирҳои муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои наслҳои оянда номиданд.

Таъкид гардид, ки кишвари мо «Дипломатияи варзишӣ»-ро дар баробари дигар самтҳои ҳамкорӣ, ҳамчун василаи мусоид барои рушди устувор, таҳкими ҳамгироии минтақавӣ ва дар маҷмӯъ, заминаи муносиб барои иҷрои Дидгоҳ оид ба ҳамкорӣ дар Осиё дар давраи то соли 2030 медонад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи кишварҳои аъзои Муколамаи ҳамкориро ба масоили баргузории пайвастаи чорабиниҳои байналмилалии варзишӣ бо ҷалби бештари ҷавонони минтақа ҷалб намуданд. Дар ин зимн, пешниҳод гардид, ки ба мақсади тақвияти раванди табодули таҷрибаи пешқадам ва коркарди чорабиниҳои муштараки варзишӣ миёни бошишгоҳҳои варзишии кишварҳои аъзои Муколама тамосҳои кории доимӣ барқарор карда шавад.

Сарвари давлати мо бо итминон изҳор доштанд, ки рушди ҳамкории кишварҳо дар соҳаи варзиш ва ҷалби бештари ҷавонон ба ин раванд дар баробари тадбирҳои дигари мубориза бо терроризм метавонад монеаи боэътимод дар ин самт бошад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба масъалаҳои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, тавсеаи бозори тиҷоративу молиявӣ дар Осиё ва таҳкими рақобатпазирии иқтисодии ин минтақаи фарохи олам дар бозори ҷаҳонӣ андешаронӣ намуданд.



**3-юми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Давҳа дар ҳошияи Нишасти сеюми Муколамаи ҳамкории Осиё таҳти унвони «Дипломатияи варзишӣ» бо Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ маҷмӯи масоили ҳамкории Тоҷикистону Қатар мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз мулоқотҳои сатҳи олӣ, ки нишондиҳандаи баланди эътимод ва ҳусни бародарӣ миёни Тоҷикистону Қатар мебошад, изҳори қаноатмандӣ намуданд.

«Густариши ҳамкорӣ бо Давлати Қатар дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат ва сармоягузорӣ аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад»,- таъкид доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Бахшҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ, бонкдорӣ, сайёҳӣ ва нақлиёту коммуникатсия аз самтҳоиояндадори робитаҳои ҳар ду кишвар номида шуд. Ҳар ду ҷониб алоқамандии худро ба фаъол гардонидани кори Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ иброз доштанд. Ҷалби сармоягузорони Қатар, хусусан имконоти Фонди Қатар оид ба рушд, ба бахшҳои гуногуни иқтисоди кишвари мо, аз ҷумла барои бунёди иншооти тавлиди неруи барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар Тоҷикистон, муҳим шуморида шуд.

Таъкид гардид, ки таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла хӯроквορӣ, ба манфиати ҳар ду ҷониб хоҳад буд.



Омода намудани мутахассисони касбӣ барои соҳаҳои хизматрасонӣ бо таъсиси маркази забономӯзӣ дар Тоҷикистон, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва илму маориф, баргузории Рӯзҳои фарҳанг аз мавзуъоти дигари мулоқот буд.

Тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ ва фаъол гардидани гурӯҳи дӯстии парлумонӣ басо муҳим арзёбӣ шуд. Табодули афкор, ҳамчунин, доир ба мавзуъоти минтақавию ҷаҳонии мавриди таваҷҷуҳи ду ҷониб сурат гирифт.

**3-юми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Давҳаи Давлати Қатар бо Сарвазири Шоҳигарии Таиланд хонум Паэтонгтарн Чинаватра мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ масоили таҳкиму тавсеаи ҳамкории Тоҷикистону Таиланд мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози мулоқот хонум Паэтонгтарн Чинаватраро ба муносибати интихоб шуданашон ба вазифаи Сарвазири Шоҳигарии Таиланд самимона табрик намуданд.

Сарвари давлат таъкид доштанд, ки Тоҷикистон ва Таиландро равобити судбахш ба ҳам мепайванданд ва изҳори умедворӣ намуданд, ки мо дар якҷоягӣ ба муносибатҳои кишварҳоямон такони нав хоҳем бахшид.

Масоили тавсеаи ҳамкории ҳар ду кишвар дар бахшҳоиояндадори тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, нақлиёту боркашонӣ ва саноат аз мавзуъҳои муҳими суҳбат буд.

Содироти молу маҳсулоти мухталиф, аз қабили пахта, аллюминий, меваи хушк, маъданҳо, ба Таиланд ва таҷҳизоти электронӣ, мошину мошинолот ба Тоҷикистон аз самтҳои дигари ҳамкории судманд номида шуд.

Ба таҳияи «харитаи роҳ»-и ҳамкорӣ, ташкили хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ, ҷорӣ кардани низоми бераводид барои шаҳрвандон ва рушди равобити сайёҳӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Ҳамкорӣ дар бахшҳои маориф ва баргузории рӯзҳои фарҳангӣ аз мавзуъоти дигари суҳбат буд. Нақши робитаҳои байнипарлумонӣ дар таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо муҳим арзёбӣ гардид.

Дар фароварди суҳбат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз хонум Паэтонгтарн Чинаватра даъват намуданд, ки дар вақти бароящон муносиб бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф биёранд.

**www.prezident.tj**

# «ДИПЛОМАТИЯИ ВАРЗИШӢ» - ПЛАТФОРМАИ МУҲИМИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ КИШВАРҲОИ ҶАҲОН

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Нишасти сеюми Муколамаи ҳамкории Осиё зери унвони «Дипломатияи варзишӣ»**

**3 октябри соли 2024, Қатар**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, омодааст, то дар ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиё оид ба кӯҳнавардӣ (алпинизм), қаиқронӣ дар дарёҳо ва амсоли онҳо мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ баргузор созад.

Пешниҳод дорем, ки ба мақсади тақвияти раванди табодули таҷрибаи пешқадам ва коркарди чорабиниҳои муштараки варзишӣ байни бошишгоҳҳои варзишии кишварҳои узви Муколама тамосҳои кории доимӣ барқарор карда шаванд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба яке аз падидаҳои ташвишовари замони муосир – имконияти гаравидани ҷавонон ба терроризм ва ифротгароӣ ҷалб намоям. Гурӯҳҳои террористӣ бо истифода аз василаҳои гуногун бештар ин бахши ҷомеаро ба узвияти худ ва фаъолиятҳои тахрибкорона ҷалб мекунанд. Ин зуҳуроти номатлуб барои амнияти кишварҳои мо таҳдиди ҷиддӣ гардидааст. Итминон дорам, ки рушди ҳамкориҳои мо дар соҳаи варзиш ва ҷалби бештари ҷавонон ба ин раванд, дар баробари тадбирҳои дигари мубориза бо терроризм, метавонад монеаи боэътимод дар ин самт бошад.

Кишварҳои моро зарур аст, ки бо истифода аз тамоми воситаҳо ва абзорҳои мавҷуда барои пешгирӣ аз ҷалби ҷавонон ба вартаи терроризму ифротгароӣ ва тундгароӣ ҳамкориҳоро боз ҳам пурзӯр намоянд.

**Дӯстони гиромӣ!**

Мусоидат ба таъмини сулҳу субот ва баробариву ҳаёти осоишта дар паҳнои Осиё яке аз ҳадафҳои асосии Муколамаи моро ташкил медиҳад.

Мутаассифона, имрӯзҳо аз нав шиддат гирифтани вазъ дар минтақаи Ховари Миёна ба мушоҳида мерасад, ки оқибатҳои фоҷиаборро ба бор меорад.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳпарвар, ягона роҳи ҳалли ҳама гуна ихтилофот ва низоъҳоро танҳо дар роҳандозии музокирот ва истифодаи муассир аз воситаҳои сиёсиву дипломатӣ мебинад. Дар баробари ин, зарурати риояи қонунгузории байналмилалӣ, бахусус Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, ҳамчунин, иҷрои қарорҳои ин созмони ҷаҳониро ҷиҳати таъсиси Давлати мустақили Фаластин дар асоси марзҳои соли 1967 таъкид мекунем.

Аз ҳамаи ҷонибҳои даргир даъват ба амал меорем, ки аз истифодаи воситаҳои зӯроварӣ худдорӣ карда, ҷиҳати эҳёи суботи амнияти пойдор дар Ховари Миёна иқдомҳои воқеии фавриро рӯйи кор бигиранд.

**Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!**

Мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки якҷо бо кишварҳои аъзо ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои асосии Муколама минбаъд ҳам талошҳои пайвастаи муштарак ба харҷ диҳад.

Вобаста ба ин, масъалаҳои коҳиш додани сатҳи фақр, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, тавсеаи бозори тиҷоративу молиявӣ дар Осиё ва таҳкими рақобатпазирии иқтисодии ин минтақаи фарохи олам дар бозори ҷаҳонӣ, ҳамзамон, вусъат бахшидан ба раванди ҳамкорӣ миёни кишварҳои қитъа дар маркази таваҷҷуҳи доимии кишвари мо қарор доранд.

Дар хотима мехоҳам Давлати Қатар ва Ҷумҳурии Исломии Эронро бо анҷоми муваффақи раёсат дар Муколамаи ҳамкории Осиё табрик бигӯям. Ба Подшоҳии Таиланд дар иртибот ба қабули раёсат дар Муколама комёбӣ мехоҳам.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# ИҶЛОСИЯИ МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ





**2-юми октябри соли 2024 дар пойтахти мамлакат Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати шашум, бо роҳбарии Раиси Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ доир гардид.**

Нахуст, вакилон рафти иҷрои қарори Раиси шаҳри Душанбе оид ба «Барномаи рушди геодезия ва харитасозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва таъмини иҷрои нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ин самтро мавриди баррасӣ қарор дода, дар робита ба ин муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе гузориш дод.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муовини якум, раисони ноҳияҳо ва дигар сохторҳои дахлдор супориш доданд, ки ҷиҳати татбиқи босамари барномаи мазкур корҳоро дар самти рушди харитасозӣ ва беҳтарсозии инфрасохтори шаҳрдорӣ, аз қабили хатҳои муҳандисии обу корез ва барқу гармӣ, тақвият бахшанд. Ҳамчунин, баҳри таъмини фаъолияти пурмаҳсул, тарбияву ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, фароҳам овардани шароити муносиби корӣ ва ҳар чӣ зудтар гузаштан ба низоми рақамӣ дастурҳои мушаххас дода шуд.

Дар идомаи иҷлосия вакилон рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва амалишавии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пӯшонидани хароҷот барои истифодаи ройгон аз хизматрасонии нақлиёт»-ро мавриди муҳокима қарор дода, вобаста ба масъалаи мазкур гузориши муовини соҳавии Раиси шаҳри Душанбе шунида шуд.

Раиси Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ба муовини Раиси шаҳри Душанбе ва дигар сохторҳои дахлдор ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, малакаи касбии кормандони соҳаҳо ва риояи интизоми фарҳанги шаҳрнишинӣ ҳангоми истифода аз нақлиёти ҷамъиятӣ дастурҳо доданд. Ҳамзамон бо ин, таваҷҷуҳи масъулини соҳаи нақлиёти шаҳр баҳри баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳо ба сокинону меҳмонони пойтахт ҷалб гардид.

Сипас, ҷараёни татбиқи «Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021 - 2025» ва рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ин самт муҳокима гардида, вобаста ба ин масъала ҳисоботи муовини соҳавии Раиси шаҳри Душанбе шунида шуд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муовини Раиси шаҳри Душанбе якҷо бо раисони ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва дигар сохторҳои дахлдор дастур доданд, ки бо мақсади таъмини босифат ва иҷрои сариваҳтии барномаи мазкур корро бо шарикони рушд ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ тақвият бахшида, таваҷҷуҳи асосиро барои ҳар чӣ бештар ҷалб кардани маблағҳои грантӣ равона намоянд.

Дар баробари ин, аз масъулин даъват ба амал оварда шуд, ки бо мақсади ҳалли мушкилоти сокинони шаҳраку маҳаллаҳо ҳамкориро бо соҳибкорони саховатпеша вусъат бахшанд.

Вакилон дар идома масъалаи номгузорӣ намудани Муассисаи давлатии «Мактаби бачагонаи санъат ба номи Одина Ҳошим»-ро баррасӣ намуданд. Комиссияи муваққатии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе «Оид ба номгузорӣ ва номивазкунии маҳаллаҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, хиёбонҳо, боғҳо, пулҳо ва дигар қисмҳои таркибии маҳаллаҳои аҳолинишини шаҳри Душанбе» пешниҳоди Раиси шаҳри Душанбе дар бораи номгузорӣ намудани Муассисаи давлатии «Мактаби бачагонаи санъати шаҳри Душанбе»-ро ба номи Одина Ҳошим дастгирӣ намуда, барои баррасӣ ба иҷлосия пешниҳод кард. Вакилон пешниҳоди мазкурро дастгирӣ намуда, аз рӯи ин масъала қарори дахлдор қабул намуданд.

Вакилон, ҳамчунин, як қатор қарорҳои қабулнамудаи Раиси шаҳри Душанберо дар соҳаҳои муҳими шаҳрдорӣ баррасӣ ва тасдиқ карданд.

Дар фарҷом Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муовинон, раисони ноҳияҳо ва сохторҳои шаҳрдорӣ барои омода намудани инфрасохтори пойтахт ба давраи зимистони солҳои 2024-2025, аз қабили binову иншоот барои қабули энергияи гармӣ, дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани дегхонаҳо ва зеристгоҳҳои барқӣ, ба миқдори зарурӣ захира намудани равғанҳои молиданӣ, сӯзишворӣ, маводи зидди лағжиш ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани техникаҳои коммуналӣ дастурҳо доданд.

Ҳамзамон, аз вакилон даъват ба амал оварда шуд, ки бо аҳолӣ ва сокинони шаҳри Душанбе бобати сарфакорона истифода намудани қувваи барқ корҳои фаҳмондадиҳиро дуруст ба роҳ монанд ва ба дигар сохторҳои дахлдор дастур дода шуд, ки ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои ғайриқонунии истифодаи барқ дар давраи зимистони солҳои 2024-2025 чораҷӯӣ намоянд.

Бо ҳамин иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати шашум кори худро анҷом дод.







# ОМӮЗГОРИ МУЪТАБАР

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали сари қудрат омадан ба халқи кишвар такя кард, аз ҳикматҳои бузургони миллат баҳра гирифт, мизони роҳбариро дар пайвастагӣ бо мардуми шарафмандаш нигаҳ дошт, барои мустаҳкам кардани пояҳои давлати навин ва шукӯҳу ҷалоли Тоҷикистони маҳбубаш бо тамоми неруи зеҳнӣ ҷаҳду талош варзид. Чаро эътироф накунем, ки таъмини шароити амнияти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ маҳз бо ҳамин роҳ ба даст омадааст?! Боварии Сарвари давлат дар хусуси аз ҷониби халқи кишвар мақбул донистани сиёсати пешгирифтаи ин абармард дар суханрониҳояш ифода мегарданд.**

Бисту ҳаштуми декабри соли 2023, ҳангоми ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханони Президенти кишвар дар бораи истиқлолият бори дигар ба таври возеҳу равшан аён гардид. Пешвои миллат дар ибтидо барору пешравиҳои кишварро дар даврони соҳибистиқлолӣ ба заҳмати халқи азизаш марбут донист.

Боварию эътимоди Сарвари давлат ба халқ нишони хиради волои ин марди азизи Тоҷикистон аст. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз бузургфарзандони халқаш панд гирифта, дар сиёсатмадорӣ, роҳбарию сарварӣ таҳаммулпазирӣ зоҳир намуда, дар навбати худ ба мардумаш панд медиҳад, талқин мекунад, ки ваҳдату муттаҳидӣ, сидқан дӯст доштани Ватан, ҳифз кардани дастовардҳои истиқлолият омилҳои муҳими пешравӣ ва рушду нумуи Тоҷикистон мебошад. Ҳамин маънӣ дар Паёми Президенти кишвар бори дигар бо ҳиссиёти баланди ватандӯстона садо дод: «Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати биҳиштосои Тоҷикистонро ба гулистон табдил диҳем, ободию тозагию озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанро хуррамy сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем».

Тоҷикистон на фақат аз нигоҳи сокинонаш, инчунин, аз назари меҳмонони хориҷӣ ҳамчун кишвари афсонавӣ шинохта мешавад. Сарвари давлат дар ин радиф таъкид менамоянд, ки ин биҳишт бояд ҳамеша, дар ҳамаи фаслҳои сол рангу таровати ҳаловатбахш дошта бошад. Ҳар як сокини ватандӯст маънии истиқлолиятро бояд дар дӯст доштани Тоҷикистон бифаҳмад.

Мо - халқи Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ соҳибистиқлолӣ, озодӣ, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ба ягон чиз иваз намекунем. Охир, мо тавассути ин неъмат кабӯтари бахту иқболи хешро пайдо кардаем. Пешвои миллат ҳушдор медиҳанд: «Ҳар куҷое бошем, ба ҳар куҷое сафар кунем, дар кадом вазъе қарор надошта бошем, ҳеҷ гоҳ нисбат ба миллати худ, нисбат ба Ватани худ, нисбат ба давлати азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлол хиёнат накунем, ҳарфи хиёнат ба лаб наорем». Ҳарфҳое, ки бо оҳанги таъкид, амру дастур баён мешаванд, дар меҳвари он панду андарзи падарона ҷой гирифтаанд.

Воқеан, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти як кишвари мустақил вақте дар сари минбарҳои ҷаҳонӣ сухан меронанд, дунёи сиёсатмадорӣ ва донишу хиради сиёсии ӯ равшан мегардад. Ибрози назарҳояш назди мардуми Тоҷикистон хеле самимӣ, саршори панду ҳикматанд. Бо забони ширину шевои модарӣ, ки мақоми давлатӣ гирифтааст, сода, фаҳмою ҳадафнок сухан меронанд.

Биёед, аз маорифпарварии Сарвари давлат ҳарф бизанем. Низоми маорифи кишвар ҳамасола ба нишондиҳандаҳои нав ноил мегардад. Сабаб он аст, ки давлат ба маориф афзалиятҳои зиёд медиҳад. Соли 2023 соҳаи мазкур 2,6 миллион нафар хонандаро ба таҳсил фаро гирифт. Ҳукумат ба таҳсили духтарон аҳамияти махсус зоҳир менамояд. Таъсиси Квотаи президентӣ ба ҳазорон нафар сокинони кишвар маълумоти олӣ дод. Сарвари давлат ба ҳар гӯшаи Тоҷикистон сафар кунанд, ба таҳсили духтарон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд, ба падару модарон, соҳибкорон ва аҳли ҷомеа муроҷиат мекунанд, ки пеш аз ҳама, дар бораи инсон, дар бораи фарзандон фикр кунанд. «Мо бояд дар фикри он бошем, ки вақте миллат бесавод мемонад, ба давлат бадбахтӣ меорад», - таъкидан, вале насиҳатомез иброз медоранд.

Ҳар сокини кишвар бояд ба чунин нуктаҳо таваҷҷуҳ дошта бошад: «... вақте ки фарзанд тарбиятёфта аст, таълимгирифта аст, савод дорад, касб дорад, ҳунар дорад, ба падару модари худ нигаҳбон мешавад,.. ба онҳо ғамхорӣ мекунад».

Сарвари давлат мудом дилсӯзона таъкид менамоянд, ки волидайн ба давом додани таҳсили духтарон дар донишкадаю донишгоҳҳо, марказҳои ҳунаромӯзӣ монеъ нашаванд. «Духтареро, ки савод дорад, дониш дорад, забонҳои хориҷиро медонад ва кӯшиш мекунад, аз синфи нуҳум мебароранд, ба шавҳар медиҳанд ва фикр мекунанд, ки мушкилашон осон мешавад. Мушкил бо ин осон намешавад! Чунки фарзандро таваллуд кардӣ, то нафаси вопасин заҳматашро мекашӣ».

Ба ёд меорем, ки ҳамин маънӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» низ ифода гардидааст. Ин қонун дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳамчун қонуни миллӣ аз сӯи халқ эътироф шуда, аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод ва қабул гардида буд. Сарвари давлат падару модаронро водор менамоянд, ки ба ҳаққи наврасону кӯдакон ва фарзандони худ зомин нашаванд.

Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон аз давлатҳоест, ки роҳбараш дар масоили об, нигаҳдорӣ ва истифодаи он бо ташаббусҳои глобалӣ баромад мекунанд. Кишвари мо макони обҳои мусаффост, вале аз ин набояд саргарм шавем: «Мо фикр накунем, ки дар саргаҳи об ҳастем, об дорем, дигар чӣ парво дорем. Не, бародарҳо, мо обро ҳам самаранок истифода бурданамон даркор. Мо фикри ҳамсояҳои наздики худро бояд кунем».

Ҳақиқатан, ин гуфтаҳо аз забони шахси оқилу доно ироа мешавад.

Вақте Пешвои миллат аз Ҷашни байналмилалии Наврӯз ёдовар шуда, онро оини зебопарастӣ меномand, мақсадашон аён аст. Яъне, мо вақте дар нақлиёт саворем, ба ду тарафи роҳ зарфҳои пластикиро, ки аз онҳо об менӯшем ё чизҳои дигарро мепартоем ва шафати роҳро ба партовгоҳ табдил медиҳем, набояд ба маданияти миллати тоҷик, фарҳангу тамаддуни қадимиамон беҳурматӣ зоҳир намоем.

Ба ин ҳарфҳо, ки аз забони Сарвари давлат бо дилсӯзӣ ифода мешаванд, ҳамроҳ нашудан метавон?: «Давлат аз ҳамаи мост ва он аз хона шурӯъ мешавад. Аз оила шурӯъ мешавад, чунки давлат аз они халқ аст. Халқ ва давлат якест. Ватан ватани кист? Аз худи мост!»

Чаро нагӯям, ки суханони Сарвари давлат дар хусуси ҳурмату иззати занону модарон муаллифи ин сатрҳоро мутаассир мекунад: «Ҳар яки мову шуморо модар ба дунё ҳаст кардааст. Ғайри модар-зан дигар муъҷизае ҳаст, ки инсон офарад ба дунё? Гуфтам, боз мегӯям, такрор ба такрор мегӯям: то вақте ки ҷон дорем, то вақте ки нафас боқист, ғамхорӣ кунед, меҳрубон шавед». Пешвои миллат аз панди бузургон ёд мекунанд: «Касе, ки беҳурматӣ мекунад, дуои неки падару модарро намегирад, умри бобаракат намебинад».

Ба андешаи инҷониб, ҳар касе дар дил ба қадри донаи гандум ҳисси ватандӯстӣ дошта бошад, суханони пандомез, насиҳати падаронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун китоби хонданӣ, ҳамчун дарси омӯзгори муътабар қабул мекунад.

**Ҷӯрабек МУЪМИН,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон**

**Забони мо - тоҷикон дар дарозои таърих тирарӯзҳои зиёдеро пушти сар намудааст. Барои боварӣ ҳосил кардан ба ин нукта сафҳаи таърихи ҳазорсолаҳои пеш - замони ҳуҷуми арабҳо ба хоки Мовароуннаҳру Хуросон ё замони ҳуҷуми муғулон ба Осиёи Миёна як тараф истад, сад соли пешро варақгардон намудан кофист, то қоил бишавем забони тоҷикӣ аз дасти нотавонбинон чӣ ҷабре дидаю чӣ захмҳо бардоштааст.**

Ҳамон гунае, ки ҳазорсолаҳои пеш нафароне пайдо шуда, аз забони тоҷикӣ ҳимоя мекардаю бо сад роҳу восита онро зинда нигоҳ доштаанд, сад соли пеш низ (муаррихон барои миллати мо ин марҳаларо давраи ҳассоси таърихӣ унвон додаанд) мардони нусратманде ба майдон омада, барои ҳифзи забон сина сипар намуданд. Бобоҷон Ғафуров, Нусратулло Махсум, Ширинишоҳ Шоҳтемур аз зумраи онҳо мебошанд. Устод Садриддин Айнӣ дар сафи пеши ин муборизон будааст.



Бале, саргузашти забони мо чандон гуворо нест. Панҷаи бераҳми таърих борҳо онро буғӣ намуда, аммо алорағми ин ҳама забони тоҷикӣ зинда мондаю ҳатто дар ҳассостарин марҳилаҳои таърихӣ боиси эмин мондани миллат гаштааст. Ҳар қадар аз сарнавишти

# ЗАБОН. АЗ ҶАБРИ ТАЪРИХ ТО БА МАСНАД РАСИДАН







талхи забони хеш огоҳ шавем ва ҳар қадар нақши муҳим бозидани онро барои сарнавишти миллат эҳсос намоем, забонамонро бештар дӯст медорему эҳтиром менамоем. Аз авроқи зарди таърихи ҳақгӯи асри гузашта муҳимияти забон барои исботи мавҷудияти миллат ва пойдории давлат амиқтар эҳсос мешавад. Забони мо дар он солҳо миллати моро, ки дар ҳоли фано ёфтан буд, зинда нигоҳ дошта, ба мо - тоҷикон осори арзишманди таърихӣ додааст.

Устод Садриддин Айнӣ дар ин хусус дар як мактуби хеш ба фарзандаш Камол Айнӣ (ин нома дар китоби «Забон ва ҳувияти миллӣ», дар мақолаи «Тоҷикон ва забони тоҷикӣ» дарҷ шудааст) 13 марти соли 1949 навишта буд. Бо назардошти он ки ин нома аз воқеияти он рӯзгорон - вазъи забони тоҷикӣ, кӯшишҳои аз нав сохтани забони адабии тоҷикӣ, аҳволи тоҷикон ва аҳамияти забон барои миллат ҳикоя мекунад, ба хонандагон муфассал иқтибос меорем: «Вақте ки ман «Намунаи адабиёт»-ро (мурод «Намунаи адабиёти тоҷик» мебошад - Ф.Ф.) навишта баровардам, ҳама шарқшиносҳо ба ман муқобил баромаданд ва онҳо забони адабӣ доштани халқи тоҷикро инкор карданд ва ҳама гузаштагони моро, ҳарчанд дар Мовароуннаҳр расида бошанд, ба минупулёи (монополияи, инҳисори) Эрон додан хостанд. Ин, аз як тараф, ба ҳақиқати таърихӣ мухолиф бошад, аз тарафи дигар, ба сиёсат мухолиф буд, чунки дар ҳамон вақтҳо тақсими ҳудудии Осиёи Миёна шуда, тоҷикон ҳам ба сифати як миллати мустақил шинохта шуда буданд. Аз ин хатоии шарқшиносон пантуркистон истифода бурда, будани тоҷиконро дар Осиёи Миёна инкор карданд ва «тоҷикон ӯзбаконеанд, ки бо таъсири эрониён забони худро гум кардаанд» гуфтанд. Ин ҷанҷол то солҳои 1928-1930 рӯз то рӯз шиддат карда давом намуд. Дар соли 1929 дар Тошканд конфронси ба алифбои лотинӣ гузаштани тоҷикон барпо шуд. Як қисмати шарқшиносон гуфтанд, ки: «тоҷикон ҳастанд, аммо забони адабӣ надоранд. Ин забони адабие, ки дар вай шоирони гузашта ва ҳозираи Осиёи Миёна шеър мегӯянд, аз они Эрон аст. Бояд дар асоси забони кӯчагӣ барои тоҷикон забони адабӣ аз нав сохта шавад». Дар он вақт бисёр шӯрида, мунозира кардем, аммо онҳо аз қавли худ нагаштанд. Баъд аз он, солҳои 1930 дар Самарқанд конфронс шуд, мо дар пешгоҳи зали маҷлис бо хати ҷалии (равшани) настаълиқ «Тоҷикон забони тоҷикии ҳазорсола доранд ва то имрӯз давом намуда омада баъд аз ин ҳам ба сифати забони адабии советии тоҷик давом хоҳад кард» навишта мондем. Ин масъала дар ин маҷлис ҳам ҳал нашуд, яъне мухолифон даъвои моро қабул накарданд. Баъд аз он дар ҳамон сол дар Истолинобод (Душанбеи имрӯза) конфронсе барпо шуд. Ман бо пруфисур Андриюф дастбагиребон шуда, ҷанг кардам (дар ин ҷанҷолҳо лидер танҳо ман будам ва баъзе касон фақат ба хотирхоҳии ман ба ман ёрӣ медоданд). Баъд аз ин мунозираҳо шарқшиносон, аз ҷумла Бертелс ва Болдируф розӣ шуданд, ки адабиёти тоҷикро аз асри XV-XVI мелодӣ инҷониб дар ҳудуди Мовароуннаҳр қабул намоянд, аммо шоирони гузаштаро тамоман ба Эрон додан хостанд. Мо ба ин суханони бемантиқ гӯш накарда, кори худро давом додем. Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Бӯалӣ Сино, Ҳофиз ва дигаронро аз они худ гуфта, навишта баромадан гирифтем. Ман дар охири муқаддимаи Саъдӣ (Китоби «Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ Шерозӣ») исбот кардам, ки Саъдӣ худашро тоҷик гуфтааст, аммо маҳз ба хотири оммаи шарқшиносон ман шоиронеро, ки дар Эрон ва Хуросон рӯиданд, «форс-тоҷик» унвон додам…».

Ин номаи муҳим ва воқеаҳои таърихии он солҳо ба мо паём мерасонанд, ки бо аз байн рафтану маҳв гаштани забон миллат завол меёбад, адабу фарҳанги гузаштааш рӯ ба фано меорад. Барои ҳамин ҳам, яъне дидаю дониста дар он солҳо баъзеҳо мавҷудияти забони тоҷикиро инкор мекарданд. Хулосаи дигар аз пасманзари воқеаҳои он солҳо ин аст, ки душмани як сарзамин душмани забони он ҳам будааст.

Ҳамин тавр, бо талошҳои фарзонафарзондони миллат забони тоҷикӣ аз нобудӣ ҳифз шуд. Яъне, забон миллат ва фарзонафарзандони миллат бо баҳои ҷон забонро ҳифз намуданд, ки ин аз хотираи мову таърих набояд пок шавад. Ва ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Насли ҷавони мо бояд огоҳ бошанд, ки ниёкони онҳо сарфи назар аз номеҳрубониҳои таърих то чӣ ҳад дар ҳифзи Ватан ва муқаддасоти миллӣ, махсусан забони модарии хеш, кӯшиш ба харҷ дода, барои мо забони тавоноеро якҷо бо чунин осори арзишманди адабӣ ва таърихӣ ба мерос гузоштаанд».

Дар замони Истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ дигарбора ба тахт нишаст, мақоми давлатӣ гирифт ва барои рушду ғановати он корҳои судманд анҷом ёфт. Аз ҷумла, барномаҳои рушди забони давлатӣ қабул ва амалӣ гаштанд. Соли 2008 дар ҳошияи Ҷашни 1150 - солагии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ «Соли бузургдошти забон» эълон гардид. Ҳоло дар кишвари мо ҳамасола 5-уми октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мешавад, ки ин ҳам пададаи нек ва эҳтиром ба забон мебошад.

Ифтихори мост, ки Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикиро ба бонуфузтарин ва бузургтарин минбарҳои ҷаҳон баровper. Бо сарфарозӣ ба забони ноби тоҷикӣ паёми сулҳу ваҳдати тоҷиконро ба бани башар расонда, мардуми сайёраро ба сулҳу осоиш даъват намуданд, ки бе муҳобот аз ин амали нек руҳи устод Садриддин Айнӣ, Ширинишоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва ҳаммаслакони дигарашон, ки барои ҳифз ва истиқлолияти забон, ҳастӣ ва муаррифии миллат талошу ҷоннисорӣ намудаанд, шод хоҳад шуд.

Магар бо ин ҳама вазифаи мо - меросбарони имрӯзаи забон ба охир мерасад? Албатта, не! Дар ин росто муҳимтарин вазифаи мо, имрӯзиён, ин аст, ки забонамонро аз газанди ҷаҳонишавӣ нигоҳ дорем ва бо ғановати бештар, беолоиш ба наслҳои минбаъда бирасонем.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

**Таърихи ҳазорсолаи давлатдории дунё далолат мекунад, ки бунёд, таъсису ташаккули империяҳо, давлатҳо танҳо ба ақлу заковат, хирад, маҳорат ва ҷонбозиҳои ашхоси алоҳида марбут аст. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ собиқ ҷумҳуриҳои пасошуравӣ зери таъсири абарқудратҳо дар бозори геополитикӣ ба арсаи рақобат дучор гаштанд. Ба хотири зери таъсир гирифтани онҳо фишор, таҳдидҳо ва иғвоҳо таҳия гардиданд. Дар ин росто, тоҷикони таҳаммулпазир, вале содадилу озод аз иғвову низоъ ва «бозиҳои сиёсӣ»-и абарқудратҳо, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуданд. Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери хатар қарор гирифт.**




# ПЕШВОИ САНГАРШИКАНИ МИЛЛАТСОЗ

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим таърихи сию панҷ соли охири кишварро омӯхтаву таҳлил намуда, маводи зиёдеро гирд оварда, маҷмӯаи мақолаҳо ва хотираҳояшро дар шакли китоб бо номи «Пешвои сангаршикани миллатсоз» омодаи нашр намудааст. Мундариҷаи матлабҳои публитсистии ӯ посухи арзанда ба навиштаҳои заифонаи душманону хоинони Тоҷикистони соҳибистиқлол аст.

Фаъолияти давлатсозӣ, сулҳоварӣ, инсонпарварӣ, ташаббусҳои таърихии байналмилалӣ, фаъолияти қонунгузории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи устувор гардондани таҳкурсии Истиқлоли давлатӣ, бешубҳа, хеле бузург аст. Аз ин рӯ, Қодири Қосим нигоштааст, ки Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳам тавъаманд ва ҳар гоҳ аз истиқлолият ҳарф занем, корномаҳои Сарвари давлат дар роҳи ҳифзи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, барқарории сулҳу ваҳдат пеши назар меоянд. Ҳамчунин, таъкид месозад, ки барои равшан гардидани моҳияти ба ҳам пайвандии мафҳумҳои Пешво ва Истиқлол мо бояд лаҳзае «тобистони гарм»-и соли 1992-и кишвар, алалхусус, шаҳри Душанберо, ба хотир орем. Неруҳои ифротии руҳониёни аз дини мубини ислом бехабар, демократҳои аз маъниҳои ин вожа ноогоҳ, маҳалгароёни бемаҳали бо шиори «миллати воҳид» мусаллаҳ, мансабхоҳони мутеи як маҳал, исломгароёни мактабҳои ифротии мамлакатҳои хориҷӣ, ҷудоихоҳон бо пулу моли хоҷагони хориҷӣ тарҳи нобуд сохтани давлати моро кашиданд. Онҳо гумон доштанд, ки тоҷике ба мисли Садриддин Айнӣ, Ширинишоҳ Шоҳтемур ва Нусратулло Махсум аз нав пайдо намешавад. Бовар доштанд, ки ғайрату ғурури Спитамен, Деваштич, Темурмалик ва Восеъ комилан гум шудааст. Хушбахтона, ба таври муъҷизавӣ 9 гурди ватансоз, 9 руҳи Шерак, Спитамен, Маздак, Рустам, Деваштич, Садриддин Айнӣ, Ширинишоҳ Шоҳтемур, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода дар симои як ҷавони ҳамон шабу рӯз чорумин даҳсолаи ҳаётро пешвозгиранда инқилоб кард. Руҳи бузургон паҳлавони арсаи сиёсат Эмомалӣ Раҳмонро ба ин миллати бостонӣ дар Қасри Арбоб ҳадя намуд.

Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тифли яксолаи истиқлолро аз вартаи марг наҷот дод. Неруҳои бадхоҳ ва исёнгар бори дигар кӯшиш карданд, ки бозиҳои пасипардагии сиёсиро идома диҳанд ва сенарияи нобудсозии Тоҷикистонро аз нав таҳия ва тарҳрезӣ намуданд. Аммо коргардони тақдири халқ ва корсози нави Тоҷикистон, аллакай, аз тамоми асрори табаддулотгароии онҳо огоҳ буданд. Марди сангаршикани ҷонфидо Эмомалӣ Раҳмон зимоми идораи давлатдориро ба таври қавӣ ба даст гирифтанд. Ҳоло, барҳақ, ин санаи таърихӣ чун таҳкурсии оҳанину устувори Истиқлоли давлатӣ маҳсуб мегардад. Агар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир намегардиду Эмомалӣ Раҳмон зимоми давлатдориро ба даст намегирифтанд, шояд номи Тоҷикистон аз харитаи сиёсии ҷаҳон зудуда мешуд.

Вакилони иҷлосия, гарчанде мавқеъҳои мухталифро пайгирӣ мекарданд, дар шароити басо мушкили сиёсӣ ва иҷтимоӣ, бо вуҷуди фишор ва таҳдидҳо, иштибоҳ накарданд. Интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба мансаби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарвари давлат ба мақсади сулҳу оромӣ, рушди бомаром ва эҳёи давлати озоду мустақил, дунявии ҳуқуқбунёд буд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рӯзҳои аввали фаъолияти давлатдорӣ ва сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарк намуд, ки минбаъд Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба «бозиҳои сиёсӣ» кашидан душвор хоҳад шуд. Аз ин рӯ, баъзе қувваҳо даргириҳои дохилиро бо баҳонаи «озодӣ», «демократия» «эҳёи арзишҳои миллӣ», «рушди исломи пок» чун омили заифкунандаи Ҳукумат тарҳрезӣ намуданд. Сарвари навинтихоби Тоҷикистон ҳамаи ин дасисабозиҳоро дарк сохтанд ва на танҳо ба муқобили гуруснагӣ, фақру бенавоӣ, муҳосираҳои иқтисодӣ чора андешиданд, балки аз минтақаҳои пароканда, сохтори фарсудаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию маърифатӣ давлати нави воҳид ва рӯ ба инкишофро бунёд гузоштанд. Аҳсант ба Сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки озодиву баробариро дар фазои сулҳу оромӣ таъмин кард. Он чи ки Шарл де Гол, Маҳатма Гандӣ, Ҷавоҳирлаъл Неҳру, Томас Ҷеферсон орзу доштанд, бо дасти Пешвои тоҷикони дунё ҷомаи амал пӯшид.

- Воқеан, ба дурустӣ, ки дар мавриди сулҳофарӣ ва ҳалли низоъҳои миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ модели нави муассири сулҳофариро кашф ва пешкаши сулҳхоҳон намуданд, - менигорад Қодири Қосим. - Ин сулҳест, ки маъруфтарин муборизони сатҳи ҷаҳонӣ Патрис Лумумба, Мартин Лютер Кинг, Нелсон Мандела онро орзу доштанд. Агар сулҳи эҷоднамудаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғалаба намекард, алангаи ҷанг марзҳоро сӯзонда, то ба дуриҳо мерафт.

Дар ҳақиқат, вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии солҳои навадуми асри XX мушкил ва хатарнок буд, вале Роҳбари давлат барои наҷоти миллат, алорағми фишорҳо, суиқасдҳо ва монеаҳои зиёд, бо иродаи устувор, ҷасорати беназир ва фазилати ақлонӣ сулҳу оромию рушди бомаромро таъмин намуданд. Дар ҳоле ки як миллион берун аз хоки Ватан буду садҳо нафар дар сангари бемаънии ҷанг қарор дошту 6 миллион муҳтоҷи як бурда нон буд, Парчами истиқлолро Ҷаноби Олӣ то ба қуллаҳои Помир баланд бардоштанд.

Истиқлоли давлатӣ ба мо истиқлоли сиёсӣ дод ва ҳамин истиқлоли сиёсиро аз дасти мо неруҳои сеюм гирифтанӣ буданд. Сулҳи Пешвои миллат истиқлоли давлатӣ, сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии кишварро нигоҳ дошт.

Имрӯз даҳҳо созмонҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ, байналмилалӣ, минтақавӣ моро ба расмият мешиносанд, дар 134 давлати дунё ва ташкилотҳои байналмилалӣ Парчам ва Нишони давлатии мо аз истиқлолият ва давлати томи тоҷикон навиди муборак медиҳанд.

Сиёсатмадорон ва ҷомеашиносон вазъи Тоҷикистонро сӣ сол пеш ба давлати Афғонистон шабеҳ дода, қотеъона барои барқарор шудани суботи умум гузашти 20 солро пешгӯӣ мекарданд. Пешвои миллат роҳи бистсоларо дар ду сол тай заданд...

Имрӯз дастовардҳои замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳар бинандаи бо ақлу хирадро ба ҳайрат меорад ва ӯ аз сидқи дил, бо амри виҷдон мегӯяд, ки зиҳӣ тоҷику тоҷикистонӣ, ки ин қадар шаҳру шаҳракҳо, роҳҳои байналмилалӣ, пулҳо, неругоҳҳо, корхонаю коргоҳҳо, варзишгоҳҳо, коху қасрҳо, мактабу донишгоҳҳо, беморхонаҳои беқиёс, гулбоғу хиёбонҳо бунёд намудаед. Бале, ҳамаи созандагиҳои мо бо номи Сарвари давлат вобастаанд ва инро мардуми сипосгузори кишвар ба хубӣ медонанд ва ба хизматҳои ӯ арҷ мегузоранд.

Агар ба таърихи ҳамаи давлатҳои пешрафтаи дунё назар афканем, мардумаш ба роҳбарони адолатпарвар номҳои шоиста мегузоранд. Дар Тоҷикистон ҳам, ки як узви вобастаи ҷомеаи ҷаҳонист, ин анъана роиҷ аст. Бори нахуст пирамарди ишкошимӣ моҳи августи соли 2006 ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди давлати мардумсолор бо мартабаи Пешвои миллат рӯ оварда буд. Ва ин хитоби таърихии ӯ ба кулли тоҷикони дунё писанд омад ва асос ба қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» гардид. Мартабаи Пешвои миллат ба мисли рамзҳои муқаддаси давлатӣ: Конститутсия, Парчам ва Нишони давлатӣ, Суруди Миллӣ барои ҳар нафари тоҷикистонӣ боиси ифтихор аст. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамаи тоҷикону форсизабонони дунё Пешво аст.

Вақте мо аз Истиқлоли давлатии диёри маҳбубамон ҳарф мезанем, тарзу усулҳои давлатсозӣ, сулҳофарӣ, шуҷоату мардонагӣ, бунёдгарӣ, ташаббускорӣ ва дигар амалҳои созандаи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва инсонпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ пеши назар меоянд. Ин таърихи муосири моро, ки пур аз саҳифаҳои пешравию комёбиҳост, муаррихон ва коршиносони хориҷӣ ба 300 соли тақвимӣ баробар донистаанд. Барҳақ, истиқлоли мо ин туҳфаи олитарини яздонӣ аст, ки дар ҳазор соли охир ба даст омад. Ҳамчунин, беҳтарин ва олитарин туҳфаи яздонӣ барои мардуми Тоҷикистон ва тоҷикони дунё ин сазовор шуданамон ба Пешвои муаззами миллат аст, ки тавонистанд пояҳои Истиқлоли давлатиро абадан устувор ва пойдор гардонанд, - нигоштааст дар китоби «Пешвои сангаршикани миллатсоз» вакили мардумӣ Қодири Қосим.

**Қурбон МАДАЛИЕВ, собиқадори матбуот**

# РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО РАСМӢ ШУД

(Идома аз саҳ. 1)



**Саодатшо МАТРОБИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Мутобиқи банди 137-и Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби инъикоси рафти Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ироа мегардад.

1. Рафти Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар барномаҳои телевизион ва радиои ҷумҳурӣ ба таври фишурда пахш карда шавад.



2. Маводи Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар ҳаҷми пурра дар нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Садои мардум» чоп карда шаванд.

3. Маводи Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум ба воситаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявии «Ҷумҳурият», «Народная газета» ва «Халқ овози», дар рӯзномаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ чоп карда шаванд.

**РАИС:** - Доир ба лоиҳаи қарор пешниҳод доред? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби инъикоси рафти Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 17 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм**

**2. Дар хусуси ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Роттердам «Дар бораи расмиёти розигии пешакии асоснок оид ба моддаҳои кимиёвӣ ва пеститсидҳои хатарноки алоҳида дар савдои байналмилалӣ»**

**3. Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Сипар Групп Лимитед» оид ба ташкили корхонаи истеҳсоли мошинҳои замонавии зиреҳпӯш ва таҷҳизоти махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**4. Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ аз 9 марти соли 2018**

**5. Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи энергияи атомӣ бо мақсадҳои осоишта**

**6. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**9. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**10. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**11. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»**

**12. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират»**

**13. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

**14. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ»**

**15. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**16. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ»**

**17. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фирдавс ТОЛИБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Таъмини ҳамкории самарабахши мутақобилаи иттилоотии байнидавлатӣ ва дар ин замина гузаронидани баҳодиҳии фаромиллии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҷиҳати пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм зарур шуморида шуд, ки ҳамкории мутақобила ва табодули иттилоот байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тақвият дода шуда, мунтазам арзёбии фаромиллии хавфҳо дар ин самт гузаронида шавад.

Бо ин мақсад 13-уми октябри соли 2023 аз ҷониби сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (минбаъд - созишнома) ба имзо расид. Лозим ба зикр аст, ки муқаррароти созишномаи мазкур ба иҷрои вазифаҳои асосии зерин равона шудааст:

а) ҷорӣ намудани стандарти ягона дар самти ҳамкорӣ ва додугирифти маълумот байни мақомоти кашшофии молиявии тарафҳо;

б) ташкили низоми иттилоотие, ки табодули бехатари маълумот ва ҳуҷҷатҳои электрониро байни тарафҳо таъмин менамояд;

в) ташкили захираҳои умумии иттилоотӣ ва таъмини дастрасӣ ба онҳо аз ҷониби мақомоти кашшофии молиявии тарафҳо;

г) таъмин намудани тарафҳо бо иттилооти зарурӣ барои дуруст ошкор намудани хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм;

ғ) ҷамъоварии иттилоот барои гузаронидани баҳодиҳии фаромиллии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва ҷойгир намудани натиҷаҳои он дар низоми иттилоотии Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм;

д) таъмини ҳифзи иттилоот ва реҷаи махфияти маълумоте, ки бо мақсади гузаронидани баҳодиҳии хавфҳои фаромиллии қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, инчунин, ҳангоми ҳамкории мутақобилаи иттилоотии байнидавлатӣ истифода мешавад.

Мутобиқи талаботи созишнома ҳар кадом аз давлатҳои иштирокдори он (ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия) мувазаф гардиданд, ки ҷиҳати ошкор намудани хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризмро ҳамчун механизми муассири табодули иттилоот таъсис диҳанд.

Низоми иттилоотии Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ба воҳидҳои кашшофии молиявии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил имкон медиҳад, ки маълумоти дар ихтиёрдоштаро оид ба амалиёт (аҳдҳо) бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк, ки алоқаманд ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дониста шудаанд, додугирифт намоянд.

Мутобиқи моддаи 15 созишномаи мазкур барои эътибор пайдо кардани он гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин раванд, бо дастрасии моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» созишномаи зикргардида бояд мавриди тасдиқ (ратификатсия) қарор дода шавад. Тасдиқи созишнома ба рушди ҳамкории байналмилалӣ ва баррасии масъалаҳои марбут ба пешгирии қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, инчунин, ҳамоҳангии мутақобилаи байнидавлатӣ ва андешидани чораҳои коҳиш додани хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар минтақа тақвият мебахшад.

Бояд қайд кард, ки аз миёни давлатҳои иштирокдор ҷумҳуриҳои Беларус, Қирғизистон ва Федератсияи Россия расмиёти дохилидавлатии худро ба анҷом расонида, созишнома байни онҳо айни замон мавриди амал қарор дода шудааст. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Ҳуснигул Одиназода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳуснигул ОДИНАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм 13-уми октябри соли 2023 дар шаҳри Бишкек ба имзо расида, тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Созишномаи мазкур тибқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми августи соли 2024 таҳти №2326 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Созишномаи мазкур аз дебоча ва 17 модда иборат буда, бо мақсади рушди ҳамкорӣ барои ҳамоҳангии ҳамкории мутақобил ва андешидани чораҳои коҳиш додани хавфҳои ошкоршудаи қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм бо назардошти мақсаду вазифаҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба имзо расидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 27-уми августи соли 2024 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод.

Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки тасдиқи Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризмро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Роттердам «Дар бораи расмиёти розигии пешакии асоснок оид ба моддаҳои кимиёвӣ ва пеститсидҳои хатарноки алоҳида дар савдои байналмилалӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Шерализода дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳодур ШЕРАЛИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Конвенсияи Роттердам «Дар бораи расмиёти розигии пешакии асоснок оид ба моддаҳои кимиёвӣ ва пеститсидҳои хатарноки алоҳида дар савдои байналмилалӣ», ки ба баррасии шумо пешниҳод гардидааст, 10 - уми сентябри соли 1998 дар шаҳри Роттердам (Нидерландия) ба имзо расидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими байналмилалии интиқоли партовҳои хатарнок, инчунин, маводи кимиёвии хатарнок нақши муҳим дошта, то ин давра бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2006 таҳти №417 ба Конвенсияи Стокголм «Оид ба моддаҳои ифлоскунандаи органикӣ» ва бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2016 таҳти №437 ба Конвенсияи Базел «Оид ба назорати азсарҳадгузаронии партовҳои хатарнок ва нобудсозии онҳо» ҳамроҳ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки Конвенсияи Роттердам яке аз се конвенсияҳои кимиёвие мебошад, ки системаи ҳуқуқии байналмилалии назорати маводи кимиёвиро, ки ба муҳити зист ва саломатии инсон хатар доранд, таъмин менамояд. Мақсади асосии конвенсияи мазкур ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз таъсири зараровари моддаҳои кимиёвӣ ва пеститсидҳои хатарнок дар савдои байналмилалӣ, мусоидат ва кӯшишҳои муштараки давлатҳои иштирокчӣ дар тиҷорати байналмилалӣ мебошад. Ҳамчунин, дар доираи конвенсияи мазкур баъзе моддаҳои кимиёвии хатарнок, беҳтар намудани мубодилаи маълумот оид ба хосиятҳои пеститсидҳо, муқаррар намудани талабот оид ба татбиқи раванди қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ оид ба воридот ва содироти онҳо ба танзим даровarda мешаванд.

Аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, инчунин, аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷумҳуриҳои Беларус, Арманистон ва Федератсияи Россия ба конвенсияи мазкур ҳамроҳ шудаанд. Дар кишварҳои ҷаҳон ба мақомоти давлатии ҳифзи муҳити зист ҳамчун мақомоти салоҳиятдор барои ҳамкорӣ бо котиботи конвенсияи мазкур ваколат дода шудааст.

Тасдиқи конвенсияи мазкур барои устувор гардондани амнияти миллии Тоҷикистон вобаста ба ҳифзи муҳити зист ва таъмини бехатарии аҳолӣ тавассути роҳ надодан ба воридоти партовҳои хатарнок ва маводи кимиёвии хатарнок мусоидат хоҳад намуд. Бо назардошти ин, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳишмандам, ки лоиҳаи Қарори ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Роттердам «Дар бораи расмиёти розигии пешакии асоснок оид ба моддаҳои кимиёвӣ ва пеститсидҳои хатарноки алоҳида дар савдои байналмилалӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Мавод дар хусуси ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Роттердам «Дар бораи расмиёти розигии пешакии асоснок оид ба моддаҳои кимиёвӣ ва пеститсидҳои хатарноки алоҳида дар савдои байналмилалӣ» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Илова ба гуфтаҳои раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қайд кард, ки аъзогӣ ба конвенсияи мазкур ба таҳкими имкониятҳо ва иқтидорҳои миллӣ ҷиҳати истифодаи самарноки моддаҳои кимиёвӣ, ҷалби кумакҳои молиявӣ ва техникӣ, аз ҷумла технологияҳои муосир имкониятҳои васеъро фароҳам меорад. Ин дар маҷмӯъ, ба устувор гардондани амнияти миллӣ вобаста ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва таъмини саломатии аҳолӣ тавассути рушди инфрасохтори зарурӣ ва баланд бардоштани тахассуси кормандони соҳа мусоидат хоҳад кард.



Маводи вобаста ба конвенсия тамоми расмиёти заруриро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст. Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳои худ ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаи ҳуқуқӣ ҳамроҳшавӣ ба конвенсияи мазкурро ҷонибдорӣ кардаанд.

Ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи Роттердам ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқарраротИ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ буда, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунҳои миллӣ низ ба миён намеорад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш мекунам, ки барои тасдиқи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Роттердам овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Роттердам «Дар бораи расмиёти розигии пешакии асоснок оид ба моддаҳои кимиёвӣ ва пеститсидҳои хатарноки алоҳида дар савдои байналмилалӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Сипар Групп Лимитед» оид ба ташкили корхонаи истеҳсоли мошинҳои замонавии зиреҳпӯш ва таҷҳизоти махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Юсуфзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фаррух ЮСУФЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Пеш аз ҳама, меҳоҳам миннатдории роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро барои дастгириҳои доимӣ дар самти гузаронидани ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди соҳибкорӣ дар кишвар ба шумо баён намоям.

Ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз сарчашмаҳои маблағгузории барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ муайян гардида, дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар, хусусан дар самти саноатикунонии босуръати кишвар, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ шуда истодааст.

Лоиҳаи созишномаи пешниҳодшуда дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» таҳия гардида, идомаи фаъолият дар ин ҷода мебошад.

Лоиҳаи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Сипар Групп Лимитед» оид ба ташкили корхонаи истеҳсоли мошинҳои замонавии зиреҳпӯш ва таҷҳизоти махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми июли соли 2024 таҳти №435 тасдиқ гардид ва 12 августи соли 2024 ба имзо расонида шуд.

Лоиҳаи созишномаи мазкур ҷалби 15 миллион доллари амрикоиро барои сохтмони корхонаи истеҳсоли мошинҳои замонавии зиреҳпӯш ва таҷҳизоти махсус дар кишвар пешбинӣ намуда, амалисозии он дар ду марҳила ба роҳ монда мешавад.

Марҳилаи аввал ташкил ва роҳандозии хати истеҳсолии корхонаро ҷамъоварии (сборка) мошинҳои зиреҳпӯш ва таҷҳизоти махсус дар ҳудуди шаҳри Турсунзода (дар ҳудуди Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик») бо сармоягузории 5 (панҷ) миллион доллари амрикоӣ фаро мегирад.

Марҳилаи дуюм сохтмон, васл ва ба кор андохтани иқтидорҳои асосии истеҳсолиро бо ҷалби 10 миллион доллари амрикоӣ пешбинӣ намуда, ба ин васила дар афзун намудани иқтидори истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад.

Иқтидори истеҳсолии солонаи корхона то 120 автомашинаи махсуси зиреҳпӯш буда, бо ба кор андохтани он зиёда аз 100 ҷойи кори нав таъсис меёбад. Инчунин, бо назардошти талаботи бозор ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхона зиёд карда мешавад. Амалисозии лоиҳаи созишномаи мазкур барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда замина мегузорад.

Бо назардошти он ки роҳандозии истеҳсоли мошинҳои замонавии зиреҳпӯш ва таҷҳизоти махсус дар давраи соҳибистиқлол гардидани Ватани азизамон таҷрибаи нахустин ба ҳисоб рафта, татбиқи он дар рушди соҳаҳои гуногуни кишвар аҳамияти калон дорад, аз шумо - вакилони Маҷлиси намояндагон бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи сармоягузории мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС: -** Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Сипар Групп Лимитед» оид ба ташкили корхонаи истеҳсоли мошинҳои замонавии зиреҳпӯш ва таҷҳизоти махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-уми августи соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мақсади асосии созишнома ҷалби пешбурди фаъолияти муштарак ва дар ин замина таҳия ва татбиқи истеҳсолоти технологӣ, ҷорӣ намудани ихтироот ва навовариҳои пешқадам дар соҳаи техникаи автомобилӣ ва боз ҳам боло бурдани иқтидори мудофиавии мамлакат, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва таъсиси ҷойҳои нави кори доимӣ мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд.

(Давомаш дар саҳ. 5)

# РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО РАСМӢ ШУД

(Идома аз саҳ. 4)

Созишномаи мазкур дар кумита бо тартиби муқаррargardidai Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» мувофиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Сипар Групп Лимитед» оид ба ташкили корхонаи истеҳсоли мошинҳои замонавии зиреҳпӯш ва таҷҳизоти махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ аз 9 марти соли 2018» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим дода мешавад. Марҳамат.

**Азим ИБРОҲИМ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ аз 9 марти соли 2018 бо мақсади роҳандозии низоми берухсатномавӣ ҳангоми гузариши транзитӣ аз ҳудуди кишварҳо ба имзо расид.

Тағйирот ба созишномаи зикршуда бо пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои гузариши транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии кишвар аз ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар самти ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардидааст.

Қобили қайд аст, ки Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ соли 2018 ба имзо расонида шуда, тибқи талаботи моддаи 5-и созишнома низоми рухсатномавии ҳамлу нақли бор пешбинӣ шудааст. Ҳамасола ба миқдори умумии 25000 – 30000 рухсатнома барои ҳамлу нақли дуҷониба, транзит ва интиқоли бор ба давлати сеюм мубодила мегардад, ки ҳиссаи зиёди он барои гузариши транзитӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон истифода бурда мешавад. Тибқи таҳлилҳо ҳамасола гузариши транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии ватанӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон беш аз 36000 ададро ташкил медиҳад.

Ҷорӣ намудани низоми берухсатномавӣ ҳангоми гузариши транзитӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ дар рафти ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ баррасӣ гардида, зарурати ворид намудани тағйирот ба созишномаи мазкур пешниҳод гардид.

Айни замон низоми берухсатномавии ҳамлу нақли бор бо ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Федератсияи Россия амалӣ гардида истодааст. Низоми мазкур барои аз байн бурдани мубодилаи варақаи рухсатнома ва содагардонии расмиёти ҳамлу нақл ҳангоми убури сарҳад, инчунин, рушди савдо ва иқтисодиёти кишварҳо мусоидат менамояд.

Бо назардошти он ки бештари интиқоли байналмилалии бор тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон амалӣ мегардад, роҳандозӣ гардидани низоми берухсатномавии ҳамлу нақли транзитӣ барои интиқолдиҳандагони ватанӣ манфиати бештар дорад.

Аз лиҳози оқибатҳои иқтисодию сиёсӣ, тағйирот ба созишномаи мазкур танҳо бо паёмадҳои хуб, алалхусус барои содагардонии расмиёти ҳамлу нақли байналмилалӣ, рушди тиҷорат, транзит ва зиёд гардидани гардиши молу маҳсулот мусоидат менамояд.

Қабул гардидани протоколи мазкур аз буҷети мамлакат маблағгузориро талаб наменамояд ва қабули онро саривақтӣ дар самти расидан ба ҳадафҳо ва мусоидат дар рушди соҳа арзёбӣ менамоем.

Бо истифода аз фурсати муносиб мехостам миннатдории худро ба шумо - вакилони арҷманд, ки дар самти қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии соҳаи нақлиёт ва мукаммал гардондани онҳо саҳми арзанда доред, баён карда, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки протоколи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Бахтиёр Аҳмадзода дода мешавад. Марҳамат.

**Бахтиёр АҲМАДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ аз 9 марти соли 2018-ум санаи 18 апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса, ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани протоколро ҷонибдорӣ намуданд.

Протокол ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилиро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ аз 9 марти соли 2018» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи энергияи атомӣ бо мақсадҳои осоишта» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода дода мешавад. Марҳамат.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба таваҷҷуҳи шумо яке аз санадҳои муҳими байналмилалӣ, ки ба муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи истифодаи энергияи атомӣ бо мақсадҳои осоишта марбут аст, пешкаш мегардад. Санади мазкур созишномаи байнидавлатӣ аст, ки 27 феврали соли 2017 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ратификатсия пешниҳод гардидааст. Бо ратификатсияи ин созишнома мо заминаи ҳуқуқӣ барои густариш додани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаҳои гуногуни истифодаи неруи атомиро бо мақсадҳои осоишта мустаҳкам хоҳем кард. Таъмини бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ, ҳамчунин, истифодаи технологияҳои пешрафта дар саноат, тиб ва кишоварзӣ ҷузъҳои калидии ин ҳамкорӣ маҳсуб меёбанд.



Созишномаи мазкур масъалаҳои муҳими ҳамкорӣ, аз ҷумла ба истифода додани реакторҳои илмию таҳқиқотӣ, коркарди партовҳои радиоактивӣ ва сӯзишвории ядроӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи истихроҷ ва коркарди маъданҳои уранӣ, безараргардонии объектҳои марбут ба саноати уранро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисос дар ин соҳа низ пешбинӣ шудаанд, ки барои рушди минбаъдаи илм ва техника муҳим аст. Ҳамкорӣ дар ин соҳа на танҳо ба рушди энергетикаи миллӣ, балки ба бехатарии экологӣ ва беҳбудии саломатии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард. Масъалаи солимгардонии партовгоҳҳои мероси уранӣ дар ҷумҳурӣ, ки аз замони Иттиҳоди Шуравӣ боқӣ мондааст, дар ин созишнома ба таври возеҳ дарҷ гардида, барои бехдошти муҳити зист аҳамияти калидӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки партовгоҳҳои мероси урание, ки дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадаанд, як масъалаи ҷиддии экологӣ барои минтақа ба шумор меравand.

Дар натиҷаи истихроҷ ва коркарди маъданҳои уранӣ дар замони шуравӣ партовгоҳҳои радиоактивӣ дар ин минтақа боқӣ мондаанд, ки ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Партовгоҳҳои уранӣ метавонанд боиси ифлосшавии ҳаво, хок ва обҳои зеризаминӣ шаванд. Радиоактивият дар чунин партовгоҳҳо метавонад ҳазорсолаҳо боқӣ бимонад ва таъсири он ба муҳити атроф тадриҷан паҳн шавад, ки барои олами наботот, ҳайвонот ва одамон хатари ҷиддӣ дорад.

Ифлосшавии радиатсионӣ аз партовгоҳҳо метавонад боиси бемориҳои гуногуни онкологӣ (саратон) ва генетикӣ гардад. Аҳолие, ки дар наздикии чунин партовгоҳҳо зиндагӣ мекунанд, ба хавфи баланди бемориҳои марбут ба радиатсия дучор мешаванд. Ҳамчунин, ҳангоми тӯфони хок ё борон моддаҳои радиоактивӣ метавонанд ба минтақаҳои дурдаст интиқол ёбанд, ки хатари паҳншавии радиатсияро зиёд мекунад.

Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи энергияи атомӣ бо мақсадҳои осоишта масъалаи солимгардонии партовгоҳҳои мероси уранро дар бар гирифта, бо амалисозии созишнома якчанд қадами муҳим барои ҳалли ин мушкилот пешбинӣ шудааст:

1. Дар доираи ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия чораҳои солимгардонии партовгоҳҳои уранӣ андешида мешаванд. Ин ба нест кардан ё маҳдуд кардани радиатсия дар минтақаҳои осебдида мусоидат мекунад, ки барои беҳбудии муҳити зист ва саломатии аҳолӣ хеле муҳим аст.

2. Дар созишнома чораҳои махсус барои таъмини амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ пешбинӣ шудааст, ки ин ба паст кардани хавфи ифлосшавии минбаъдаи муҳити зист мусоидат мекунад.

3. Як самти дигари муҳим дар созишнома, ки ба партовгоҳҳо алоқамандӣ дорад, коркарди дуюмбораи партовҳои радиоактивӣ мебошад. Ҳамкорӣ дар ин самт метавонад ба таҳкими меъёрҳо ва усулҳои ҳифзи муҳити зист мусоидат кунад.

4. Бо мақсади ҳалли мушкилоти марбут ба партовгоҳҳо ва масъалаҳои дигари радиатсионӣ ҳамкорӣ дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос пешбинӣ шудааст. Ин имкон медиҳад Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисонеро омода кунад, ки қодир бошанд чунин партовгоҳҳоро идора ва назорат кунанд.

Созишнома, ҳамчунин, истифодаи радиоизотопҳоро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла саноат ва тиб пешбинӣ мекунад, ки истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба беҳбудии соҳаҳои зикршуда мусоидат намояд. Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Бо назардошти афзалиятҳои зикршуда ва мувофиқати ин созишнома ба қонунгузории Тоҷикистон ва меъёрҳои байналмилалӣ тасдиқи он муносибатҳоро миёни ду давлат таҳким мебахшад. Аз ин рӯ, ҷонибдорӣ намудан ва тасдиқ гардидани санади мазкур барои рушди ҳамкориҳо дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

**РАИС: -** Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Музаффарҷон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффарҷон МАҲМУДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи энергияи атомӣ бо мақсадҳои осоишта 27 феврали соли 2017 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Созишномаи мазкур муносибатҳои дӯстонаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро таҳкиму густариш бахшида, барои беҳбудии соҳаҳои муҳити зист, тиб, иқтисодиёти кишвар ва дигар самтҳо, ки ба соҳаи истифода бурдани неруи атом бо мақсадҳои осоишта алоқамандӣ дорад, мусоидат менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи энергияи атомӣ бо мақсадҳои осоишта» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Шерализода дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳодур ШЕРАЛИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади таъмини иҷрои супориши банди 100 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми январи соли 2024 таҳти №1 таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур имкон медиҳад, ки меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми назорати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист вобаста ба баланд бардоштани андозаҳои ҷаримаҳо барои шахсони воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои ифлос кардани муҳити зист бо партовҳо, ҳангоми буриши худсаронаи дарахту буттаҳо, истихроҷи ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки маъмули умум, барои зиёда аз меъёр партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера, объектҳои об, ифлос кардани замин ва нисбати ронандагону мусофироне, ки ба табиат, аз ҷумла шафати роҳҳо аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ партов мепартоянд, инчунин, нақлиёти боркаше, ки масолеҳи интиқолшавандаи онҳо бо чодари махсус пӯшонида нашудааст ва дигар ҳолатҳои ба ин монанд тақвият дода шаванд.

Бо назардошти ин, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳишмандам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мансур Усмонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мансур УСМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Тибқи лоиҳа барои тоза нигоҳ доштани муҳити зист ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин соҳа, ҷазои ҷаримавии 23 моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд карда шуда, тағйиротҳо дар қисмати санксияҳо пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, моддаи 231 «Риоя накардани талаботи ҳифзи ҳавои атмосфера ҳангоми ҷамъоварӣ ва сӯзонидани партовҳо» дар таҳрири нав ва моддаи $249^1$ «Поймол намудани тутзор, несту нобуд кардани баргҳои расида ё ҷамъоваришудаи дарахтони тут, осеб расонидан ба дарахти тут», ки аз чор қисм иборат аст, илова гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми июни соли 2024 таҳти №2315 барои баррасӣ ба Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндогон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ирсол гардида буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни зикргардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаҳои 13 ва 44 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни зикргардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Шерализода дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳодур ШЕРАЛИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти банди 5 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2023 таҳти №247 «Дар бораи андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ» таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ дар қатори мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи муҳити зист барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба поймол шудани тутзор, несту нобуд кардани баргҳои расида ё ҷамъоваришудаи дарахтони тут ва ҳангоми расонидани осеб ба дарахти тут ваколат пайдо менамояд.

Иловаи мазкур, аз як тараф, ба тақвияти ҳифзи муҳити зист ва аз тарафи дигар, ба ҳифзи хӯроки кирмаки пилла, барги дарахтони тут равона карда шудааст. Бо назардошти ин, аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳишмандам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи лоиҳа ба қисми 1 моддаи 106 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова пешниҳод мешавад, ки баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи $249^1$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ вогузор карда мешавад.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми июни соли 2024 таҳти №2316, лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон барои баррасӣ, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон 5-уми сентябри соли 2024 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаҳои 13 ва 44 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст. Мақсад аз таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур иҷрои банди 6 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд ва иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023 таҳти №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» мебошад.

Тадбирҳо оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар суръатбахшии ҷараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва хароҷот вобаста ба эмиссияи он, инчунин, содагардонии равандҳои пардохтҳо аҳамияти муҳими молиявӣ-иқтисодӣ дорад. Дар ин замина, дар лоиҳаи пешниҳодшуда механизми ҳисоббаробаркуниҳои байни шахсони воқеӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо бо иштироки шахсони воқеӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, мукаммал карда шуда, ҷиҳати тариқи ғайринақдӣ анҷом додани амалиётҳо муқаррарот пешбинӣ карда шуд. Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Тибқи тағйири пешниҳодшаванда ба қисми 1 моддаи 961 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд дар ҳисоббаробаркуниҳо байни шахсони воқеӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд, тариқи ғайринақдӣ иҷозат дода мешавад.

Инчунин, матни русии қисми 2 моддаи зикршуда ба матни тоҷикии он мутобиқ карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур мувофиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Кумитаи масъул 28-уми августи соли 2024 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро баррасӣ намуд.

Лоиҳаи мазкур ба талаботи бобҳои 1 ва 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

(Давомаш дар саҳ. 6)

# РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯҲҲО РАСМӢ ШУД

(Идома аз саҳ. 5)

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ватанзода, Р. Шоҳмурод, Р. Раҷабзода, М. Мирзозода, Т. Азимзода ва Р. Бобоҷониён таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мақсади асосии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқгардонии он ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳамчунин, амалисозии «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар самти мукаммалсозии қонунгузории мурофиавии мадании Тоҷикистон мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 2023 таҳти №1949 қабул гардида, меъёрҳои он мавриди амал қарор дорад. Меъёрҳои қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, тартиб ва ҳолатҳои татбиқи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва ба танзим медарорад. Аз ин лиҳоз, бо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, ба татбиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мусоидат менамояд.

Тибқи лоиҳа ба моддаи 225 сархати ҳафтум доир ба масунияти судӣ доштани давлати хориҷӣ меъёр илова карда мешавад. Ҳамчунин, моддаи 390 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав пешниҳод гардида, масунияти судии ташкилотҳои байналмилалӣ ва масунияти дипломатӣ муайян карда мешаванд.

Ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боби 43[1] бо номи «Истеҳсолоти парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ» илова мегардад, ки фарогири 12 моддаи алоҳида мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки боби нави иловашаванда масъалаҳои зерин, аз ҷумла истеҳсолоти парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, тобеияти судии парвандаҳои маданӣ бо иштироки давлати хориҷ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии давлати хориҷӣ, намояндагӣ, пешниҳод намудани аризаи даъвоӣ, хусусиятҳои андешидани тадбирҳо оид ба таъмини даъво, фиристодан ва супоридани хабарномаҳои судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои судӣ ба давлати хориҷӣ, хусусиятҳои маҷлиси пешакии судӣ ва қатъ кардани истеҳсолоти парванда, хулосаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои дигар ва коршиносон оид ба масъалаҳои татбиқи масунияти юрисдиксионӣ, татбиқи принсипи мутақобила, ҳалномаи ғоибона, имтиёз ва масуниятҳои давлати хориҷӣ дар ҷараёни муҳокимаи судӣ, тартиби иҷро намудани санадҳои судӣ нисбат ба давлати хориҷиро дар бар мегиранд.

Хулоса, боби нави иловашаванда ба масъалаҳои аз оғози истеҳсолоти парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ то тартиби иҷро намудани санадҳои судӣ нисбат ба давлати хориҷӣ, яъне пурра ба протсесси мурофиаи маданӣ бо иштироки давлати хориҷӣ бахшида шудааст.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар самти масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти бомароми судҳо лоиҳаи қонуни мазкур таҳия ва пешниҳод гардидааст. Инчунин, бо ворид намудани тағйиру иловаҳои пешниҳодшаванда носаҳеҳӣ, норасоӣ ва гуногунфаҳмии меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф мегарданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2024 таҳти №2153 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ирсол гардида буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Ҳамзамон, барои такмили лоиҳа, дар маҷмӯъ, 23 таклиф манзур намуданд, ки аз онҳо 19 таклиф қабул ва қисман қабул гардида, 4 таклиф қабул нашуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба боби 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Барот Расулӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Барот РАСУЛӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси моддаи 9 қонуни мазкур ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2024 таҳти №АП-518 таҳия гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки талаботи муҳтавои амри мазкур ворид намудани тағйиру иловаҳоро бештар ба фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқан аз 10 январи соли 2007 таҳти №143 ва аз 13 майи соли 2008 таҳти №457 тақозо мекунад, вале тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйироту иловаи меъёрҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ барои асоснокӣ қаблан бояд дар санади қонунгузории соҳавӣ заминаи ҳуқуқӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, зарурати ворид намудани тағйироту илова ба қонуни соҳавии мақомот бо такя ба ҳамин талаботи қонунгузорӣ ба миён омада, бидуни он таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2024 ғайриимкон мегардад. Дар ин раванд, мувофиқи лоиҳа, пеш аз ҳама, матни дар қонун пешбинигардида бо Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мутобиқ гардонида шуда, ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомот пешниҳод карда шудааст, ки минбаъд сардорони раёсат ва шуъбаҳои мустақили дастгоҳи марказӣ, сардорони мақомоти маҳаллии агентӣ дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби директори агентӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

Ҳамзамон, тибқи лоиҳа ваколати директори агентӣ дар хусуси додани рутбаҳои махсус, аз ҷумла то рутбаи полковник ва унвонҳои махсус мушаххас гардонида шуда, сохтори дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии агентӣ дар шакли умумӣ муқаррар карда шудааст ва дар ин замина, яке аз мансаби навбатдори калони оперативии шуъбаҳои навбатдории агентӣ ба мансаби навбатдори калони оперативӣ оид ба супоришҳои махсус пешбинӣ гардидааст.

Лоиҳаи пешниҳодшуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, тибқи тартиби муқарраргардида аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ ва экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, хулоса пешниҳод карда шудааст, ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсионӣ, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ шудааст, дида намешаванд.

Қабул гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар маҷмӯъ, барои беҳтар гардонидани фаъолияти мақомот заминаи мусоид фароҳам меоварад. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкур дастгирӣ карда шавад.

**РАИС:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Толибхон Азимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Аз рӯи ахбороти манзургашта мақсади пешниҳоди лоиҳаи қонуни баррасишаванда ба мо маълум гашта бошад ҳам, вале мехостам барои мукаммал гардонидани он якчанд нуктаҳоро баён созам.

Чунончӣ, омӯзишу баррасии маводҳои он тибқи Дастури Маҷлиси намояндагон ва бо қиёси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда собит намуд, агар аз як тараф, мақсади таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонун танзими фаъолияти ҳамин мақомот ба шароити имрӯза бошад, аз тарафи дигар, баланд бардоштани масъулияти роҳбарони дар сохтори агентӣ ба вазифаҳо таъиншаванда ва мушаххас гардонидани ваколати мақоми роҳбарикунандаи ҳамин мақомот мебошад.

Мақсади дигари пешниҳод мазмуни ворид намудани баъзе иловаҳо ба сохторҳои поёнии мақомот мебошад, ки дар оянда тарзу усули воситаҳои роҳбарикунандаи тобеияти фавриро пурзӯр менамояд.

Ҳамзамон, мақсади дигари пешниҳоди лоиҳа мутобиқ намудани меъёрҳо ба қонунҳои амалкунандаи дигар, аз байн бурдани ихтилофҳои имлоӣ ва забонӣ ва таҳрири нави санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида ва қонунҳои амалкунандаи самтро дар бар мегирад, ки он аз 4 қисм иборат буда, тааллуқдори 15 моддаи қонуни амалкунанда мебошад.

Ҳамчунин, вазифаҳои назоратии худи мақомот, роҳбарияти аввали он, ҳам дар дастгоҳи марказӣ ва ҳам маҳалҳо, тартиби пешниҳоди кормандони агентӣ ба рутбаҳо ва унвонҳои махсус ва дараҷаи ниҳоии ваколати роҳбарияти агентӣ дар ин самтҳо боз ҳам мушаххас мегарданд.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо хулосаҳо ҷонибдорӣ карда, ҳамзамон, барои такмили он 6 таклиф пешниҳод намуданд, ки дар маҷмӯъ, ба инобат гирифта, баъзе меъёрҳо такмил дода, бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мувофиқа карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаҳои 28, 29 ва 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрои ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо назардошти ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки қабули лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Азимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвар АЗИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар асоси дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи забони давлатӣ» таҳия гардида, дар асоси таклифу пешниҳодҳои вазорату идораҳои ҷумҳурӣ такмил дода шуд.

Ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ дар ҷомеа зери ғамхории давлат қарор дошта, баҳри баланд бардоштани маърифати оиладорӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила чораҳои доимӣ андешида мешавад. Вобаста ба ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар ин самт таҳия ва қабул мегарданд. Яке аз сарчашмаҳои нофаҳмӣ дар муносибатҳои оиладорӣ ин зӯроварӣ ба дигар аъзои оила мебошад.

Зарурати ворид намудани тағйироту илова дар он аст, ки баъзе калимаҳои дар қонуни амалкунанда мавҷудбуда ба талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №268 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намекунад.

Аз ҷумла, дар қисми 1 моддаи 1 лоиҳаи қонуни мазкур бо назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» ва Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ, калимаҳои «сӯҳбати», «Сӯҳбати», «рӯҳӣ», «ӯҳдадор», «мӯҳлати», «мӯҳлате», «офиятбахшии» мувофиқан ба калимаҳои «суҳбати», «Суҳбати», «руҳӣ», «уҳдадор», «муҳлати», «муҳлате» ва «тавонбахшии» иваз карда шудаанд.

Дар қисми 2 моддаи 1 лоиҳа бо назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» пешниҳод карда шудааст, ки дар сархати ёздаҳуми моддаи 11 калимаи «курсҳои» ба калимаи «машғулиятҳои» иваз карда шавад. Инчунин, бо мақсади ба танзим даровардани робитаи кории мақомоти корҳои дохилӣ ва комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ба моддаи 11 сархати дувоздаҳум матни зерин илова карда шудааст:

«- огоҳсозии комиссияи дахлдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар бораи ҳар як ҳолати зӯроварӣ дар оила, ки кӯдак дар он зарар дидааст».

Дар сурати қабул шудани ин лоиҳа комиссияи дахлдор оид ба ҳуқуқи кӯдак имкон ба даст меорад, ки оид ба ҳар як ҳолати зарар дидани кӯдак дар натиҷаи зӯроварӣ дар оила воқиф гардад ва дар доираи ваколати худ тадбирҳои судманд андешад.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Омӯзиш ва арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ нишон дод, ки дар лоиҳаи мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ шудааст, дида намешавад.

Аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Гулбаҳор Ашурзода дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо мақсади аз байн бурдани хатоҳои имлоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Мақсади ворид намудани тағйироту илова ба қонуни амалкунанда мутобиқ намудани он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар рафти таҳияи он таҷрибаи қонунгузорӣ ва қонунҳои вобаста ба ҷабрдидагони зӯровари дар оилаи давлатҳои дигар низ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.



Лоиҳа бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 августи соли 2024 таҳти №2323 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 28 августи соли 2024 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва намояндаи раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод.

Лоиҳа тамоми расмиёти дохилиро мутобиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагон гузаштааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба овоз монда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Парвиз Шодизода дода мешавад. Марҳамат.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Раҳмон, Ф. Мӯъминзода, М. Мирзозода ва Р. Муқимӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» мутобиқ намудани он ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» мебошад. Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида дар 9 моддаи қонуни амалкунада тағйирот ва ба қисми 2 моддаи 4 илова пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи қонун бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2024 таҳти №2166 барои баррасӣ ба Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонун ҳама расмиёти дохилиро тибқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст ва мувофиқ ба раванди рушди низоми қонунгузории кишвар, мутобиқ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад. Аз ин рӯ, аз шумо – вакилон бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода дода мешавад. Марҳамат.

**Дилмурод ДАВЛАТЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҳким бахшидани заминаҳои ҳуқуқию моддии низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани андозаи нафақа ва кумакпулиҳо пайваста тадбирҳои зарурӣро роҳандозӣ менамояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» бо мақсади иҷрои банди 19 супориши протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2024 таҳти №1 таҳия шуда, ба таъмини тавозуни буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва истифодаи мақсадноки маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз тарафи суғуртакунандагон ва шахсони суғурташуда, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Хароҷоти умумии суғуртаи иҷтимоӣ дар соли 2023-юм 305,0 миллион сомонӣ ё 7,4 фоизи ҳаҷми умумии буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро ташкил додааст. Дар сохтори хароҷоти суғуртаи иҷтимоӣ вазни қиёсии хароҷот барои пардохти кумакпулии корношоямии муваққатӣ 17,9 фоизро ташкил медиҳад. Сабабҳои дар боло зикршуда барои таҳияи қонунгузории пешниҳодшуда асос гардидаанд.

Тибқи банди 15 «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» гузаронида шуда, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар он ошкор карда нашудааст. Дар сурати дастгирӣ ёфтани лоиҳаи қонуни мазкур раванди танзими ин масъала бо роҳи ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ба эътидол оварда мешавад.

Аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Солеҳа Холмаҳмадзода дода мешавад. Марҳамат.

**Солеҳа ХОЛМАҲМАДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини тавозуни буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, истифодаи мақсадноки маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби суғуртакунандагон ва шахсони суғурташуда таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳа бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 августи соли 2024 таҳти №2322 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

(Давомаш дар саҳ. 7)

# РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО РАСМӢ ШУД

**(Идома аз саҳ. 6)**

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 28 августи соли 2024 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод.



Лоиҳа тамоми расмиёти дохилиро мутобиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Аз ин рӯ, Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамояд, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мирзоанвар Ахмедов дода мешавад. Марҳамат.

**Мирзоанвар АХМЕДОВ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Латифзода, М. Ахмедов ва Ф. Икромӣ таҳия гардидааст, пешниҳод карда мешавад.



Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқгардонии меъёрҳои қонуни амалкунанда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Дар ин асос мафҳуми «системаи мониторинги экологӣ» сархати ҳафтуми моддаи 1 ва қисми 1 моддаи 10 дар таҳрири нав ифода гардида, қисми 2 ба моддаи 6 - зерсистемаҳои системаи ягонаи давлатии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сархати сенздаҳум ба қисми 2 моддаи 10 илова карда шудаанд.

Тибқи талаботи умумии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, бо назардошти такроран баён гардидани қисмҳои 1, 3 ва 5 моддаи 19 дар лоиҳаи қонун хориҷ намудани онҳо пешбинӣ гардидаанд.

Барои риояи услуби расмии забони адабии давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани мухолифатҳо дар истифодаи калимаҳои норавшан дар лоиҳаи қонун таҳрирҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Лоиҳаи қонун тамоми расмиёти дохилиро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

